**СУРАТҶАЛАСАИ №11**

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди МДТ-и

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 31-уми марти соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 8 нафар, 6 нафар аз рӯйи ихтисос

**РӮЗНОМА**

1. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи **Олимов Тағойбек Шодиевич** дар мавзуи **"Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ –доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон **Файзализода Ҷумахон Хол)** ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи якуми рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, ҳозиринро бо аризаи довталаб **Олимов Тағойбек Шодиевич** дар бораи қабули диссертатсия, автореферат ва ҳуҷҷатҳои ӯ барои баррасӣ шинос намуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-KOA026 профессор Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Олимов Тағойбек Шодиевич** – автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, тибқи талаботи банди 57-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба тартиб даровардa шуда, ба унвони Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ Т.Ш. Олимов барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Олимов Тағойбек Шодиевич** дар мавзуи **"Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **Ш.А. Шаропов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
- **А.А. Азизов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;
- **Г.Б. Мухаметов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.

3. Комиссияи ташхисии назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод менамояд.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 8 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.